# ИНДЕКСИ УСТУВОРИИ СОЗМОНҲОИ ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ (СҶШ) БАРОИ СОЛИ 2012 - ТОҶИКИСТОН

## ИНДЕКСИ УСТУВОРИИ СҶШ: 4.8

Ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон аз созмонҳои гуногун, аз шӯроҳои коммуналиву маҳаллӣ сар карда, то ба иттиҳодияҳои расмӣ, ташкилотҳои ҷамъиятии расман бақайдгирифташуда иборат аст. Мувофиқи маълумоти Вазорати адлия, то моҳи октябри соли 2012 дар кишвар 2600 иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба охири соли 2011 ба сад адад бештар аст. Тахминан, 1000-тои онҳо фаъоланд. Ҳамчунин, 1400 ташкилоти деҳотии ба таври расмӣ бақайдгирифташуда (ТД), 105 иттифоқи ичтимоии рушди ТД (ИИРТД), ёздаҳ ассотсиатсияи ИИРТД (АИИРТД), беш аз ҳафтод Ассотсиатсияи истифодабарандагони об (АИО) ва беш аз 2600 гурӯҳи хазинавии дар сатҳи ҷамоат таъсисёфта, ки аз тарафи Фонди Рушди Оғохон (AKF) дастгирӣ меёбанд, вуҷуд доранд.

**Нишондиҳандаҳои соли 2012 дар Тоҷикистон**







Устувории созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон дар соли 2012 каме бадтар шудааст. Фазои ҳуқуқӣ бисёр мураккаб боқӣ мемонад. Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ аз мавҷудияти монеаҳои бюрократӣ ва зиёдшавии фасод дар чараёни бақайдгирӣ шикоят мекунанд.



Сарчашмаҳои маблағгузории созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ маҳдуданд. Бисёр созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ пурра аз грантҳои

маблағгузорони байналмилалӣ вобастаанд. Баъзе созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ аз тарафи бонкҳои тиҷоратӣ ва ширкатҳои алоқаи мобилии маҳаллӣ каме маблағгузорӣ мегарданд.

Созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ фаъолияти худро аз расондани хизматҳо то ба мониторинги хизматрасониҳои ҷамъиятӣ ва ҳавасмандкунии ҳисоботдиҳиву шаффофияти идоракунӣ, хусусан дар сатҳи маҳаллӣ васеъ намудаанд. Ташкилотҳои калон ва коалитсияҳо аз имкониятҳои дифоӣ ва пешбарии манфиатҳо бештар бархӯрдоранд, нисбат ба созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандии хурдтар ва деҳотӣ, ки восита, захира ва имкониятҳои заруриро надоранд.

Маҳаллаҳо дар деҳот дар бораи нақши созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҷамъият тасаввуроти норавшан доранд. Дар минтақаҳои шаҳрӣ, ба хотири набудани шаффофияти фаъолият ва ҳисоботдиҳӣ, мардум созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандиро, ҳамчун созмонҳои вобаста аз грант ва аз тарафи маблағгузорон идорашаванда, қабул менамоянд. Корхонаҳои хусусӣ, маъмулан, афзалияти ҳамкориро бо созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ намефаҳманд.

## ФАЗОИ ҲУҚУҚӢ: 5.0




Аксарияти СҶШ ҳамчун иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ фаъолият мекунанд. Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ҳамоно мушкилотро бо бақайдгирӣ дар Вазорати адлия ва шӯъбаҳои минтақавии он доранд. Мувофиқи қонун, чараёни бақайдгирии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ бояд як моҳро дар бар гирад, аммо дар асл, ин раванд мӯҳлати зиёдтарро мегирад. Дар сурати тағйироти ҳатто ягон ҷузъи оиннома, ба монанди тағйири суроға, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ бояд аз нав ба қайд гирифта шаванд. Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ба монеаҳои бюрократӣ, зиёдшавии фасод ва маҳдудкунӣ аз тарафаи Вазорати адлия ҳангоми бақайдгирӣ шикоят мекунанд. Масалан, идораи Counterpart International дар Тоҷикистон натавонист аз тариқи равзанаи ягона ба қайд гирифта шавад ва ба вай лозим омад, ки аз чандин монеаи бюрократӣ гузарад, аз ҷумла, бо сабаби набудани ин ё он ҳуҷҷат ё нодуруст ба расмият даровардани он, се маротиба раддияи Вазорати адлияро гирифтааст. Баъд аз се моҳ, ниҳоят ба Каунтерпарт муяссар гардидааст, ки ба қайд гирифта шавад.
Бақайдгирии дигар шаклҳои СҶШ, аз ҷумла хазинаҳои ҷамъиятӣ, нисбатан содда аст ва метавонад ба воситаи равзанаи ягонае, ки ҳокимияти андозситонӣ дар соли 2010 таъсис додааст, анҷом дода шавад. Бо вуҷуди ин, шахсоне, ки мехоҳанд бунёди ҷамъиятиеро ба қайд гиранд, бояд аввал бо Кумитаи андоз маслиҳат кунанд ва он, одатан, онҳоро ба Вазорати адлия мефиристад, то ки ҳамчун иттиҳодияи ҷамъиятӣ ба қайд гиранд.

Дар сурати ба қонун мувофиқат накардани фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ онҳо метавонанд гирифтори ҷазо гарданд ва бинобар ин, Вазорати адлия, Кумитаи андоз ва ниҳодҳои дигари давлатӣ дар масъалаи риояти қонун бодиққат фаъолияти онҳоро назорат ва тафтиш мекунанд. Дар давоми нимсолаи дуюми 2012, тафтиши созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандии фаъол, дар навбати аввал созмонҳое, ки дар соҳаҳои ҳуқуқи башар ва воситаҳои ахбори омма кор мекунанд, зиёд шудааст. Масалан, аз Ассотсиатсияи зиёиёни илмӣ ва техникӣ (АНТИ) дар бораи иштироки онҳо дар муҳокимаҳои ҷамъиятии минтақавӣ бо Ҳизби наҳзати ислом пурсида шуд.

Гарчанде ки фаъолияти сиёсӣ аз рӯи қонун манъ карда нашудааст, дар амал, созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ аз муколамаҳои оммавӣ оид ба масоили сиёсӣ ё танқиди ҳукумат чӣ дар сатҳи маҳаллӣ

ва чӣ дар сатҳи миллӣ барканор шудаанд. Масалан, суди ш.Хуҷанд қарор баровард, ки Ассотсиатсияи ҳуқуқшиносони ҷавон (Ампаро), гурӯҳи маҳаллии баёнгари ҳуқуқ, ки ҳолатҳои истифодаи шиканҷаро таҳқиқ намуда, аз ҳуқуқи ба сафи артиш даъватшудагон ва дигар гурӯҳҳои озордида ҳимоят мекард, баста шавад. Вайронкуниҳои имконпазир аз бақайд нагирифтани суроғаи нави ташкилот, фаъолият дар як қатор минтақаҳо бе кушодани намояндагиҳои минтақавӣ, фаъолияти сомонаи ғайриқонунӣ ва гузаронидани машғулиятҳо бо ба хизмати ҳарбӣ даъватшудагон бе иҷозатнома (литсензия) иборат мебошанд. Созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва гурӯҳҳои байналмилалӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқи башар парвандаи мазкурро тобиши сиёсидошта ва бемоҳият мешуморанд.

Кодекси андози навро Парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расонд ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон онро моҳи сентябри соли 2012 имзо намуд, он аз 1 январи соли 2013 ба ҳукми қонун медарояд. Дар тафсири пештараи Кодекси андоз қоидае вуҷуд дошт, ки мувофиқи он СҶШ андоз аз даромад ва андози иҷтимоиро дар асоси маоши моҳонаи миёна (ки он аз тарафи ҳукумат дар заминаи маълумоти минтақаҳои гуногун давра ба давра муайян карда мешуд) ё маоши воқеӣ, агар он баландтар бошад, ҳисоб мекард. Кодекси андози нав истифодабарии маоши моҳонаи миёнаро, ки маъмулан аз маоши воқеии СҶШ баландтар буд, манъ мекунад ва ба ин васила, андози қисми зиёди созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандиро кам мекунад.

Дар аввали октябр Вазорати маориф дастури наверо баровард, ки мувофиқи он иштироки донишҷӯёнро дар чорабиниҳое, ки аз тарафи созмонҳои байналмилалии ҷомеаи шаҳрвандӣ ташкил ё маблағгузорӣ мегарданд, манъ мекунад. Барои мисол, Вазорати маориф Хадамоти Германия оид ба мубодилаи таҳсилиро маҷбур кард, ки мулоқоташро бо донишҷӯён дар бораи санҷиши дониши забон мавқуф гузорад. СҶШ тахмин мекунанд, ки мақомоти давлатӣ аз ба сиёсат ҷалб гардидани ҷавонон тавассути барномаҳои мазкур, ки ба бунёди демократия ва инкишофи малакаҳои роҳбарӣ равона гардидаанд, метарсад. Муассисаҳои маориф арз менамоянд, ки онҳо ин тадбирро на барои кам кардани таъсири хориҷа андешидаанд, балки аз хавотирӣ аз гурӯҳҳои номуайяни хориҷӣ, ки дар байни ҷавонон ақидаҳои мазҳабӣ ва моҷароҷӯёнаро паҳн менамоянд.

Дар соли 2012 Вазорати меҳнат ниҳоди сеюм, баъд аз Кумитаи ҷавонон ва Кумитаи занон, гардид, ки бо созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ тартиботи заруриро барои бастани шартнома, мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фармоиши иҷтимоии давлатӣ”, анҷом медиҳад.

Аксарияти созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ маълумоти кофиро дар бораи масъулияти ҳуқуқии худ надоранд, аммо онҳо маслиҳатҳои ҳуқуқиро аз шабакаи беш аз ҳаштоднафараи ҳуқуқшиносон дар Душанбе, Кӯлоб, Рашт, Хуҷанд ва Хоруғ гирифта метавонанд.

## ИМКОНИЯТҲОИ ТАШКИЛОТӢ: 4.5




Аксарияти созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ рисолати/вазифаҳои мушаххаси худро доранд. Аммо ба хотири вобастагии зиёд аз маблағи маблағгузорон, бисёри созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба лоиҳаҳо равона гардидаанд ва ба нақшагирии стратегӣ диққати кам медиҳанд. Танҳо якчанд созмони ҷомеаи шаҳрвандии хубинкишофёфта нақшаҳои стратегии бисёрсоларо таҳия мекунанд, дигарон бошанд, танҳо нақшаҳои соланаро тартиб медиҳанд. Танҳо созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандии пешрафта

ва ботаҷриба кӯшиш мекунанд, ки аз ҳисоби баҳрамандони лоиҳа мизоҷони худро зиёд кунанд.

Бисёрии созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ сохтори ташкилотии мушаххас доранд. Созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ маъмулан аз тарафи мақомоти иҷрокунанда идора мешаванд, ки одатан аз тарафи як ё якчанд шахсияти тавоно роҳбарӣ мегарданд. Аксарияти созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ раёсати директоронро дар рӯи қоғаз доранд, аммо онҳо аксаран нофаъоланд. Иттиҳодияҳои соҳибкорон, коалитсияҳои СҶШ ва ассотсиатсияҳои шахсони ҳуқуқӣ, аз тарафи дигар, фаъолона мақомоти роҳбарикунандаи худро ба идоракунӣ ҷалб менамоянд.

Созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ на ҳама вакт барои доштани кормандони доимии барномавӣ маблағи кофӣ доранд ва бинобар ин, аксаран кормандонро дар асоси шартнома барои лоиҳаҳои муайян ба кор мегиранд. Қариб ҳамаи созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ду ё се корманди доимии маъмурӣ, аз ҷумла муҳосибони касбиро доранд. Аксарияти созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ таҷрибаи истифодаи шартномаҳо, муайяннамоии ӯҳдадориҳои корӣ ва низоми пардохткуниро доранд, аммо таҳияи сиёсати кадрӣ хеле кам аст. СҶШ-ҳо мутахассисони касбии компютер ва ҳуқуқшиносонро дар асоси шартнома, дар вактҳои зарурӣ ба кор мегиранд. Дар соли 2012 Ассотсиатсияи миллии СҒД Тоҷикистон (TNNGOA) татбиқи Барномаи бунёди нерӯи институтсионалиро барои беҳтар намудани ҳуҷҷатгузории ҳуқуқӣ ва иқтидори ташкилотии сӣ адад СҶШ дар вилояти Хатлон оғоз намуд.

Фаъолияти ихтиёрӣ дар байни ҷавонон бо сабаби ҳолати вазнини иқтисодӣ дар кишвар маҳдуд аст. Донишҷӯёни маълумотдор дар минтақаҳои шаҳрӣ манфиатҳои фаъолияти ихтиёриро бештар мефаҳманд ва дар маъракаҳои ҷамъиятӣ иштирок мекунанд. Дастури ба наздикӣ ба табъ расидаи Вазорати маориф дар бораи иштироки донишҷӯён дар чорабиниҳое, ки аз тарафи созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандии байналмилалӣ ташкил шудаанд, боиси баҳсҳои шадиди СҶШ-ҳо оид ба ҷалб намудани ҷавонон ба лоиҳаҳои ояндаи созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ гардид. Корҳои ихтиёрӣ дар байни мардуми қишрҳои гуногун бештар дар деҳот инкишоф ёфтааст, ки одамон мунтазам қувваи кориро барои лоиҳаҳои сохтмонӣ ва зерсохторӣ пешниҳод менамоянд.

Мушкилоти молиявӣ ва сиёсати маблағгузорон барои навкунии захираҳои техникии созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ имконият намедиҳанд. Аксарияти СҶШ-ҳо дар идораҳои худ аз компютерҳои кӯҳнаи рӯимизӣ истифода мебаранд, ҳол он ки фаъолони созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ метавонистанд ноутбук ва флешдискҳоро истифода баранд, то ки зудҳаракат бошанд. Аксарияти СҶШ-ҳо имконияти истифодабарии барномаҳои компютерии литсензиониро надоранд. Истифодаи интернет дар минтақаҳои шаҳрӣ имконпазир аст, аммо ҳанӯз ҳам, дар деҳот, ки қатъшавии барқ зиёд аст, кам ба назар мерасад.

## ИМКОНОТИ МОЛИЯВӢ: 5.6




Қобилияти молиявӣ монеаи асосии рушди СҶШ дар Тоҷикистон боқӣ мемонад. Сарчашмаҳои маблағгузории СҶШ аз гуногунӣ дур аст ва бисёрии СҶШ-ҳо пурра аз грантҳои байналмилалӣ вобастаанд. Баъзе гурӯҳҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ бархӯрдори маблағгузории маҳдуди маҳаллӣ ба шарофати кӯшиши хайрияи якчанд бонкҳои тиҷоратӣ ва ширкатҳои телефони мобилӣ, ба монанди Агроинвестбонк, Бонки Эсхата, Ориёнбонк ва Tcell, мебошанд. Мувофиқи пурсише, ки аз тарафи TNNGOA дар

охири соли 2012 дар байни 165 ташкилот гузаронида шудааст, 75 фоизи маблағгузорӣ ба донорҳои байналмилалӣ, 18 фоиз ба ҳукумат ва 7 фоиз ба соҳибкорон ва хайрияҳои ихтиёрӣ рост меояд.

Танҳо якчанд СҶШ, ба монанди Фидокор, Зеркало, Фонди Евразия, Панорама ва Рушди Дехот, стратегияи самаранокро барои ҷамъоварии маблағҳо ба хотири таъмини дастгирии дарозмуддат истифода бурдаанд. Онҳо кормандони ботаҷрибаи барномавӣ ва кормандони ёридиҳандаи англисидонро доранд, ки барои навиштани лоиҳаҳои пуркувват қодиранд. Асосан, танҳо ассотсиатсияҳои соҳибкорон ва иттиҳодияҳои касбӣ барномаҳои дастгирии аъзоён ва барномаҳои рушди хайриявиро доранд.

Даромади коркарда тахминан 5 фоизро аз даромади солонаи соҳа ташкил медиҳад, чунки бозори хизматҳои пулакӣ хуб инкишоф наёфтааст. Фаъолияти даромадноки созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ бо гузаронидани омӯзишҳо ва додани машваратҳо маҳдуд гардидааст. Хизматҳои СҶШ, ба сабаби баланд будани сатҳи камбизоатӣ дар байни баҳрамандон, ба таври умум, аз назари молиявӣ устувор нестанд. Бисёрии созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ барои машғул шудан бо фаъолияти соҳибкорӣ шубҳа мекунанд, азбаски бо идоракунии молиявии ҷудогона ва механизми андозсупории ношинос дучор мешаванд.

Маблағгузории давлатӣ ҳамон лоиҳаҳои хурди ба манфиатҳои занон ва ҷавонон равона гардидаро дар бар мегирад. Дар соли 2012 дастгирии давлат мувофиқи Қонуни ҶТ “Дар бораи фармоиши иҷтимоии давлатӣ” $230 000 ташкил намуд, ба монанди солҳои 2010 ва 2011. Харидҳои хизматҳои иҷтимоии давлатӣ шаффоф нестанд ва ба таъсиси СҒД-ҳои ҳукуматӣ (GONGO-ҳо) мусоидат мекунанд.

Миқдори ками СҶШ-ҳо низоми идораи молиявиро доранд, гарчанде ки майли донорҳои байналмилалӣ аз муомилоти нақдӣ ба низоми бонкӣ заруратро ба беҳтаргардии идораи молиявӣ зиёд мекунад. Аудити молиявӣ қиммат аст ва барои ҳамин ҳам, кам ба назар мерасад. Баъзе СҶШ-ҳои пешрафта дар сомонаҳо ҳисоботи солонаи худро нашр мекунанд, аммо маълумоти молиявиро дохил намекунанд.

## ДИФОИ МАНФИАТҲО: 4.8




Созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба воситаи шӯроҳои ҷамъиятӣ бо сиёсатмадорон дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ алоқаи мустақим доранд. Бо вуҷуди ин, ин шӯроҳо зоҳирианд ва ба СҶШ-ҳо имконият намедиҳанд, ки ба раванди қабули қарор воқеан таъсир расонанд. Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ то рафт зиёдтар дар муколамаҳо бо ҷомеаи шаҳрвандӣ иштирок мекунанд. Масалан, раиси шаҳри Душанбе тавассути шабакаи иҷтимоӣ, сомонаи мақомоти маҳаллии ҳокимияти шаҳр ва муколамаҳои ошкоро, ки худи шаҳрдор гузаронд, аксуламалро оид ба сифати хизматҳои ҷамъиятӣ талаб менамояд. Аммо созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар чунин механизми алоқаи дутарафа фаъолона иштирок накарданд.

Ташкилот ва коалитсияҳои калон иқтидор ва имконияти дифоъ ва пешбурди манфиатҳоро бештар доранд, нисбат ба СҶШ-ҳои хурд ва деҳавӣ, ки восита, захира ва ё имкониятҳои заруриро барои чунин бархӯрдорӣ надоранд. Дар байни созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандии дар минтақаҳо вуҷуддошта

ва дар пойтахтбуда фосилаи назаррас дар алоқа вуҷуд дорад. СҶШ-ҳои ш.Душанбе ба фаъолияти таблиғу ҳимоят ҷалб гардидаанд, аммо, одатан, онҳо дар бораи масоили деҳоти Тоҷикистон маълумоти кофӣ надоранд ё ба ҳалли онҳо ҷалб нашудаанд. Бинобар ин, манфиатҳои мардуми деҳот дар сатҳи пойтахт ҳимоят карда нашудаанд.

Такмили дифои манфиатҳо дар соли 2012 давом ёфт. Якчанд коалитсия, шабака ва иттиҳодияҳои аъзодори ботаҷриба бо ҳукумати миллӣ бомуваффақият кор карданд. Бо тарғибу ташвиқи Коалитсияи СҶШ оид ба масоили занон Қонуни ҶТ "Дар бораи зӯроварӣ дар оила" кор карда, декабри соли 2012 аз тарафи ҳукумати миллӣ қабул карда шуд. Ассотсиатсияи таҳсилоти калонсолон то ҳол барои лоиҳаи Қонуни нав "Дар бораи таҳсилоти калонсолон" баромад мекунад. Аммо Шабакаи созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ оид ба мониторинги натиҷаҳои Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ ба хотири набудани маблағгузорӣ фаъолияти худро мавқуф гузоштааст.

СҶШ-ҳои пешрафта зиёдтар аз болои расонидани хизматҳои ҷамъиятӣ назорат намуда, ҳисоботдиҳӣ ва шаффофияти идоракуниро дар сатҳҳои давлатӣ ва маҳаллӣ дастгирӣ менамоянд. Барои мисол, АНТИ мониторинги хизматрасониҳои тиббиро анҷом додааст, ва ташкилоти ҷамъиятии "Рушди деҳот" бошад, мониторинги идоракунии захираҳои заминиро оғоз намудааст. СҶШ-ҳо фаъолияти худро имсол дар масоили интихобот, шаффофият ва идоракунии солим афзудаанд. СҶШ-ҳо бо аъзоёни ҷамоатҳо машғулият ва машваратҳо гузаронидаанд, то ки иштироки овоздиҳандагонро зиёд кунанд, ба тарафдории интихобот ба шӯроҳои маҳаллӣ баромад карданд, барои дастрасии бештар ба иттилоот даъват карданд, мониторинги хизматрасониҳоро анҷом доданд, дар таҳияи буҷа иштирок карда, аз болои иҷрои он назорат карданд. Илова бар ин, СҶШ-ҳо муҳокимаи буҷаҳои маҳаллиро ташкил карданд ва Ассотсиатсияҳои волидайн ва омӯзгорон дар мониторинги буҷаҳои сохтори таҳсилотӣ иштирок намуданд. Дар моҳи августи соли 2012 Ассотсиатсияи ВАО-и мустақили Тоҷикистон (НАНСМИТ) ва Медиа Алянс дар якҷоягӣ бо ташкилоти "Хабарнигорони бесарҳад" ба муқобили сахтгирӣ нисбати ВАО-и интернетӣ баромад карданд.

Баъзе СҶШ-и пешрафта, ба монанди "Ҷомеа ва Қонун" ва Ассотсиатсияи соҳибкории хурду миёнаи Тоҷикистон, дар таҳияи пешниҳодоти тағйирот ба Кодекси андоз фаъолона иштирок намуданд, то ки бори андозро ба СҶШ-ҳо сабук кунанд.

## ХИЗМАТРАСОНӢ: 4.4




СҶШ-ҳо расонидани хизматҳои гуногунро давом доданд. Аксарияти созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ хизматҳои асосии иҷтимоиро, ба монанди таҳсилоти ғайрирасмӣ, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии гурӯҳҳои осебдида ё ҳимояи ҳуқуқи башар ва қонунӣ мерасонанд. Баъзе ташкилотҳо дар соҳаҳои дигар, ба монанди инкишофи соҳаи барқ, об ва иқтисодиёт, хизмат мерасонанд. Аксарияти мол ва хизматрасониҳо ройгон буда, зарурат ва афзалиятҳои гурӯҳи мақсадноки СҶШ ва ҷамоатҳоро инъикос менамоянд.

Гарчанде ки баъзе СҶШ-ҳо хизматҳои худро мефурӯшанд, арзишҳояшон, маъмулан, аз нархи бозор пасттаранд, чунки аҳли ҷомеа интизоранд, ки хизматҳои СҶШ бояд бепул бошанд. Бисёрии СҶШ-ҳо барои пешниҳод намудани мол ва хизматҳо малакаи кофии маркетингиро надоранд.

Мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар сатҳи миллӣ ва маҳаллӣ манфиати СҶШ-ҳоро дар расонидани хизматҳои асосии иҷтимоӣ эътироф мекунанд, гарчанде ки СҶШ-ҳо баъзан бар он ақидаанд, ки ҳукуматҳо созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандиро танҳо барои қобилияти ҷалб намудани маблағҳои донорӣ бештар қадр мекунанд. Се ниҳоди давлатӣ ба СҶШ-ҳо фармоиш ва грантҳои иҷтимоиро барои хизматрасонӣ ба ҷавонон, занҳо ва одамони пиронсол пешниҳод мекунанд. Бисёри созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ хизматҳоро дар ҳамкорӣ бо ҳокимияти маҳаллӣ пешниҳод менамоянд, ки он дар навбати худ тавассути тақдими бинои холӣ СҶШ-ро дастгирӣ мекунанд. Мақомоти давлатӣ, одатан, муваффақиятҳои СҶШ-ҳоро, ҳамчун дастовардҳои худ медонанд, ҳатто агар онҳо аз ҳисоби сарпарастони байналмилалӣ маблағгузорӣ гардида бошанд.

## ИНФРАСОХТОР: 4.6




Ҳафт Маркази дастгирии ҷомеаи шаҳрвандӣ (CSSCs) ва дигар ташкилотҳои миёнаравии дастгирии СҶШ (ISOs) теъдоди маҳдуди хизматҳоро пешниҳод мекунанд, аз ҷумла, иттилоот, технологияҳои нав, таълими заминавӣ дар соҳаи банақшагирии стратегӣ, инкишофи фаъолияти ихтиёрӣ ва ҷалбнамоии маблағҳо. Дар шаш соли охир Марказҳои дастгирии ҷомеаи шаҳрвандӣ ягон дастгирии марбут ба рушди иқтидори ташкилот нагирифтаанд. Бар ивази ин, донорон дастгирии мушаххасро барои зиёд намудани иқтидори СҶШ-ҳо дар риштаҳои махсус, ба монанди масъалаҳои ВНМО/БПНМ ва муҳоҷират пешниҳод намуданд.

Аксарияти тренерон хатмкунандагони барномаи Каунтерпарт барои тайёр намудани тренерон оид ба асосҳои СҒД мебошанд, ки дар охирҳои солҳои 1990-ум ва аввалҳои солҳои 2000-ум гузаронида шудаанд. Онҳо метавонанд созмонҳои нав ва сатҳи миёнаро таълим диҳанд, аммо тренингҳои такмили ихтисосро гузаронида наметавонанд. Дар шаҳрҳои хурд СҶШ-ҳои пурқувваттарини маҳаллӣ вазифаи Марказҳои захиравиро ба ӯҳда гирифтаанд. Ташкилотҳои маблағгузор ва дигар созмонҳо маблағгузориро ё дохил намудани қисмати бунёди иқтидор ва инкишофи институтсионалиро ба барномаҳои грантии худ қатъ кардаанд, ки қобилияти тақвияти иқтидори соҳа, хусусан инкишофи СҶШ-ҳои навро суст кардааст.

Шумораи ташкилотҳои грантдиҳанда дар соли 2012 ба сабаби камшавии маблағгузорӣ кам гардид. Мувофиқи баҳодиҳии Хазинаи Авруосиё дар Осиёи Марказӣ, танҳо чор фонди рушди сатҳи маҳаллӣ ва ISO дар соли 2012 дастраси грантҳои байналмилалӣ шуда, тавассути озмун онҳоро ба СҶШ-ҳои маҳаллӣ тақдим карданд, барои муқоиса, шумораи чунин ташкилотҳо дар соли 2011 бисто буд. Ягон ташкилот аз истифода аз захираҳои маҳаллӣ грант ҷудо накардааст.

Бисёри ташкилотҳои пешрафтаи ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз ҷумла Марказҳои дастгирии ҷомеаи шаҳрвандӣ, ба TNNGOA дар таҳияи Барномаи миллии СҶШ-ҳо оид ба ҳамкории иҷтимоии созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамроҳ шуданд. TNNGOA ҳамоно ба сифати бунёди умумидавлатӣ барои мубодилаи таҷрибаи пешрафта СҶШ-ҳо ва пиёда намудани манфиатҳои хеш дар сатҳи давлатӣ баромад мекунад. Дар соли 2012 TNNGOA, ки ҳоло қариб 200 аъзо дорад, гузаронидани форумҳои ҷомеаи шаҳрвандиро ба хотири баланд бурдани бохабарӣ аз эҳтиёҷот ва иқтидори СҶШ-ҳо дар тамоми кишвар давом дод. Он, ҳамчунин гузаронидани силсилаи мизҳои мудавварро оид ба мусоидат ба иштироки СҶШ-ҳо дар мониторинги лоиҳаҳои аз тарафи мақомоти ҳукуматӣ

амалишаванда ва хизматҳои давлатӣ оғоз намуд. Кӯшишҳои TNNGOA ба рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ, дастгирии давлатии соҳаи СҶШ ва ҳамкории иҷтимоӣ равона гардидаанд.

Созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ коалитсия ва иттиҳодҳои махсусро барои беҳтар ифода намудани манфиатҳои хеш ва ҳамчунин, намояндагонашон, таъсис медиҳанд. Созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ба хусус дар соҳаҳои гендер, муҳити атроф, ҳуқуқи башар, ҷавонон, ВНМО/БПНМ, маблағгузории хурд, рушди соҳибкорӣ ва фаъолияти бонкӣ бомуваффақият фаъолият мекунанд. Аммо иттиҳодияҳои нав, ба таври умум, ноустуворанд, танҳо ба шарофати дастгирии донорҳо кор мекунанд. Шабакаи созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва иттиҳодҳо ба ёрии техникӣ ва тренингҳо барои беҳтар намудани малакаҳои муаррифӣ ва ҳимоя кардани манфиатҳои аъзоёнашон эҳтиёҷ доранд.

Ҳамкории созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ бо соҳибкорон кам аст, аммо оҳиста-оҳиста меафзояд. Ҳамкории соҳавӣ бо сектори давлатӣ мӯътадил аст. Дар соли 2012 Коалитсияи СҶШ "Шаффофият бахри рушд" бо Вазорати молия ҶТ ва соҳибкорони бахши истихроҷи саноатӣ барои тайёр намудани ҳуҷҷатҳои Тоҷикистон барои ҳамроҳшавӣ ба Ташаббуси шаффофияти бахши истихроҷи соҳаи саноат (EITI) кор кард.

## НУФУЗИ ҶАМЪИЯТӢ: 4.5




Масоили СҶШ дар ҳолати ба ягон ҷанҷол ё сӯистеъмоли сиёсӣ ҷалб гардиданашон бештар дар васоити ахбори омма инъикос меёбанд. Нашрияҳои давлатӣ одатан ҳодисаҳои ҳангомаомези бо СҶШ вобастаро чоп мекунанд. Масалан, парванда ба муқобили ТҶ "Ампаро" дар нашрияҳои мустақил ба таври васеъ баён гардид. Танҳо рӯзномаҳои либералии "Азия Плюс" ва "Вечерний Душанбе" масъаларо аз ҷабҳаҳои гуногун баён намуданд. Созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандии маҳаллӣ ва деҳавӣ, ба таври умум, ба воситаҳои ахбори омма дастрасӣ надоранд ва фарогирии онҳо аз маҳдудиятҳои молиявӣ вобаста аст, чунки нашрияҳо фаркро дар байни хизмати ҷамъиятӣ ва рекламаи тиҷоратӣ намегузоранд. Бисёри нашрияҳои интернетӣ, ба монанди Азия Плюс, Авесто ва Радиои Озодӣ, суханҳои пешвоёни СҶШ-ро меоранд ва ба таҷрибаи онҳо такя мекунанд. Дар соли 2012 шумораи радиостансияҳои хусусӣ афзуд, ба хусус дар шимоли кишвар. Радиостансияҳо барои хабари ҷолиб рақобат мекунанд, барои ҳамин онҳо ба СҶШ-ҳо имконият медиҳанд, ки бо нархҳои арзон дар бораи фаъолияти худ маълумот диҳанд.

Ҷамоатҳои деҳот ҳанӯз ҳам дар бораи созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ тасаввуроти номуайян доранд. Дар минтақаҳои шаҳрӣ, СҶШ-ҳо ҳамчун ташкилотҳои аз грант вобаста ва аз ҷониби донорон идорашаванда қабул карда мешаванд, чунки онҳо ба таври шаффоф фаъолият намекунанд. Гарчанде ки СҶШ-ҳо мувофиқи муқарарот ҳисоботи расмии солонаи худро ба Вазорати адлия супоранд ҳам, танҳо якчанд СҶШ-ҳои пешқадам ҳисоботи худро дар сомонаи www.tajikngo.tj, портали СҶШ, ки аз тарафи Маркази "Технологияҳои иттилоот ва алоқа" (ICT) идора мегардад, дастраси ҳамагон гардонидаанд. Дар соли 2012-ум 234 ташкилоти ғайритиҷоратӣ ҳисоботи солона ё ягон маълумотеро дар бораи дастовардҳояшон дар портали СҶШ Тоҷикистон нашр намудаанд.

Ҳукумат баъзан ба созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва кормандонашон ҳамчун манбаи дониш назар карда, онҳоро ба гурӯҳҳои корӣ даъват мекунад. Дар мавридҳои дигар, СҶШ-ҳо барои иштирок

дар гурӯҳҳои кории давлатӣ танҳо бо талаби донорон даъват мешуданд. Баъзе мансабдорони давлатӣ ба портали СҶШ Тоҷикистон барои гирифтани маълумот дар бораи таҷриба ва дастовардҳои созмони ҷомеаи шаҳрвандӣ муроҷиат мекунанд. Соҳибкорон умуман манфиати ҳамкориро бо СҶШ-ҳо намефаҳманд.

Аксарияти СҶШ-ҳо маводи босифатро барои рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ (PR) надоранд, то ки воситаҳои ахбори оммаро ба чорабиниҳо ҷалб намуда, обрӯи созмони худро бардоранд. Ҳузури СҶШ-ҳо дар интернет, аз ҷумла дар Фейсбук ва блогҳо, меафзояд. Бо вуҷуди ин, чунин фаъолият ба нуфуз/имиҷи онҳо кам таъсир мерасонад, чун танҳо ба як қисми аҳолӣ интернет дастрас аст.

Танҳо як қисми СҶШ-ҳои пешқадам, баъзе шабакаҳо ва иттиҳодҳо кодекси одобро таҳия кардаанд, аммо дар миқёси тамоми соҳа одобнома ҳанӯз вуҷуд надорад.

Индекси устувории созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ (CSOSI) воситаи муҳими таҳлили пешрафти сектори ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ, инчунин минтақаи АврОсиё маҳсуб меёбад. Тӯли понздаҳ соли охир Индекси зерин дар бисту нуҳ кишвари дунё пешрафти сектори шаҳрвандиро пайгирӣ мекунад. Индекс фазои вуҷуддоштаро аз назари фазои ҳуқуқӣ, сатҳи тавоноии ташкилотӣ, имконоти молиявӣ, дифои манфиатҳо, хизматрасонӣ, инфрасохтор ва нуфуз дар ҷомеа месанҷад. Комёбӣ аз рӯи ҷадвали ҳафтбалла баҳогузорӣ мешавад, ки 1 меъёрӣ пешравӣ ва 7 сатҳи поинтарини тараққиётро инъикос мекунад. Индекс аз тарафи Агентии Иёлоти Амрико оид ба рушди байналмилалӣ дар ҳамкорӣ бо созмонҳои маҳаллии ҳар як кишвари санҷидашаванда таҳия шудааст.

Барои маълумоти бештар лутфан бо ТҶ «Маркази рушди мунисипалӣ» бо суроғаи cmdtajikistan@gmail.com дар тамос бошед.

Нашри англисии Индекси устувории созмонҳои ҷамъиятӣ дар Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ, инчунин минтақаи АврОсиё барои соли 2012-ро дар сомонаи зерин пайдо кардан мумкин аст: http://www.usaid.gov/europe-eurasia-civil-society